Қарори
Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
№31

аз 29 декабри соли 2025 шаҳри Душанбе

Оид ба баъзе масъалаҳое, ки зимни татбиқи қонунгузорӣ вобаста ба ҷуброни хисороти истифодабарии энергияи барқ бармеоянд

Бо мақсади таъмини таҷрибаи якхелаи судӣ ва татбиқи дурусти қонунгузорӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳои маданӣ вобаста ба ҷуброни хисороти истифодабарии энергияи барқ, дар асоси моддаи 25 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

қарор кард:

1. Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки ҳангоми ҳалли баҳсҳо оид ба ҷуброни хисороти истифодабарии энергияи барқ бояд талаботи меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - КМ), Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика», «Дар бораи сарфаҷӯйӣ ва самаранокии энергия», «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор», «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», инчунин Қоидаҳои истифодаи энергияи барқ, Тарифҳои неруи барқ, ки бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидаанд ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи энергетикаро ба роҳбарӣ гиранд.

Мувофиқи талаботи моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика» энергетика соҳаи иқтисодиест, ки ҷустуҷӯ, истихроҷ, истеҳсол, таҷдид, интиқол, нигаҳдорӣ, расонидан, тақсимот ва истеъмоли захираҳои энергетикӣ ва энергияро дар бар мегирад.

Энергияи барқ яке аз намудҳои маҳсулоти энергетикӣ ба ҳисоб рафта, сарфаи он, яъне истифодаи оқилона ва кам кардани талафот дар ҷараёни истеҳсол, таҷдид, интиқол ва истеъмоли энергия ҷиҳати таъмини боэътимод ва сифатноки эҳтиёҷоти рӯзафзуни ҷумҳурӣ ба захираҳо ва маҳсулоти энергетикӣ ва кафолати амнияти энергетикии кишвар аҳамияти муҳим доранд.

Таъмини истифодаи самараноки захираҳои энергияи барқ бо назардошти дараҷаи инкишофи техника ва технология бо мақсади аз байн бурдани

талафоти он на танҳо вазифаи давлат, балки уҳдадории истеъмолкунандагон низ ба ҳисоб меравад.

Муносибатҳои вобаста ба истифодаи энергияи барқ байни таъминкунандаи энергия ва истеъмолкунанда дар асоси қонунгузорӣ ва шартнома ба танзим дароварда мешаванд.

2. Мувофиқи муқаррароти қисми 1 моддаи 595 КМ тибқи шартномаи таъмини энергия ташкилоти таъминкунандаи энергия уҳдадор мешавад тавассути шабакаи васлшуда энергия диҳад ва мизоҷ бошад, уҳдадор мегардад энергияи қабулкардаашро пардохт намояд, инчунин реҷаи истифодаи онро, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, риоя намояд, таъмини бехатарии истифодаи шабакаҳои энергетикии таҳти ихтиёраш қарордошта, инчунин дастгоҳ ва таҷҳизоти мавриди истифодаашро вобаста ба истифодаи энергия дар ҳолати коршоям нигоҳ дорад.

Шартномаи таъмини энергияи барқ (минбаъд шартнома) озод, оммавӣ буда, байни ташкилоти таъминкунандаи энергияи барқ (минбаъд ташкилот) ва мизоҷ ба таври инфиродӣ баста мешавад ва шартҳои он бояд ба қоидаҳои шартномаи оммавӣ мутобиқат намоянд.

Чунин шартнома танҳо ҳангоми мавҷуд будани таҷҳизоти энергетикии ба талаботи Қоидаҳои истифодаи қувваи барқ ва дигар санадҳои меъёрии техникии соҳаи энергетика ҷавобгӯ буда, иҷозати пайвастшавӣ ба шабакаҳои барқро дорад ва дар шабакаҳои ташкилот бо тартиби муқаррарнамуда васл шудаанд, инчунин ҳангоми мавҷуд будани таҷҳизот ва дастгоҳҳои дахлдори баҳисобгирии истифодаи энергия баста мешавад. (қисми 1 моддаи 596 КМ ва Қоидаҳои истифодаи энергияи барқ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 марти соли 1998, таҳти №84 тасдиқ шудааст, бо тағйиру иловаҳо аз 27 феврали соли 2024, таҳти №100 ва аз 28 феврали соли 2025, таҳти №131).

Мувофиқи Қоидаҳои номбурда, баъди иҷозат додан барои истифодаи энергияи барқ ташкилот барои ҳар як мизоҷ ҳисобномаи шахсӣ кушода, варақаҳои пардохти маблағи истифодаи энергияи барқро месупорад. Ҳисобномаи шахсӣ ва варақаи пардохти маблағ метавонад дар шакли электронӣ ба мизоҷ расонида шавад.

Дар шартнома пешбинӣ намудани шартҳое, ки ҳуқуқҳои истеъмолкунандаро нисбат ба ҳуқуқҳои муқарраркардаи санадҳои қонунгузорӣ маҳдуд месозанд, манъ мебошад.

Шартномаи байни ташкилот ва мизоҷ, ки дар шакли электронӣ ба расмият дароварда шудааст, бо шартномаи дар шакли хаттӣ басташуда эътибори баробар дорад.

Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки мувофиқи қисми 2 моддаи 596 КМ агар шахси воқеӣ энергияро барои истифодаи маишӣ ба кор барад, дар ин маврид шартномаи таъмини энергияи барқ бо тартиби муқарраршуда аз лаҳзаи бори аввал воқеан пайваст шудан ба шабака ба муҳлати номуайян басташуда эътироф мегардад.

Дар сурати беасос саркашӣ кардани ташкилот аз бастани шартнома, шахси манфиатдор ҳуқуқ дорад ба суд ҷиҳати маҷбуран бастани шартнома

мутобиқи моддаи 11 ва қисми 4 моддаи 511 КМ бо тартиби пешбининамудаи Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КММ) муроҷиат намояд.

3. Диққати суд, судяҳо ба он равона карда шавад, ки ташкилот уҳдадор аст ба мизоҷ энергияи баркро таъмин намояд ва сифати он бояд ба талаботи муқаррарнамудаи стандартҳо дар сарҳади тавозунӣ ҷавобгӯ бошад.

Ҳамзамон, ташкилот уҳдадор аст ба мизоҷ бо риояи реҷа ва меъёри аз ҷониби тарафҳо мувофиқашуда миқдори энергияи дар шартнома пешбинишударо таъмин намояд. Миқдори энергияи додашуда ва қабулнамудаи мизоҷ аз рӯйи нишондоди дастгоҳи баҳисобгирии ба талабот ҷавобгӯ ва маблағи он мувофиқи тарифҳои тасдиқшуда муайян карда мешавад.

Бинобар ин, зимни баррасии баҳсҳо вобаста ба муайян намудани ҳисоби энергияи барқи аз ҷониби аҳолӣ масрафшудаи моҳона, судҳо бояд ба инобат гиранд, ки миқдори энергияи дар доираи меъёри пешбининамудаи шартнома истифодашуда, дар асоси тарифи барои гуруҳи муайян пешбинишуда пардохт карда мешавад.

Дар сурати аз меъёри муқарраршуда зиёд истифода намудани энергияи барқ, маблағи он бо тартиби дигари дар тарифҳо муқарраргардида пардохт мегардад. Чунончи, агар мизоҷ дар як моҳ энергияи баркро аз 10000 кВт. соат, ки дар шартнома пешбинӣ шудааст, зиёд истифода барад, энергияи аз меъёр зиёд истифодашуда бо тарифи дигари муқарраргардида ҳисоб карда мешавад.

4. Мутобиқи моддаи 134 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон хароҷоти таъмини ҳолати зарурии техникӣ ва бехатарии ҷойи пайвастшавии асбобҳои (ченкунакҳои) инфиродии баҳисобгирии истеъмоли энергияи барқ (дар сурати набудани он то ҷойи муқаррарии насби он) тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ ба зиммаи ташкилотҳое гузошта мешаванд, ки хизматрасониҳои мазкурро амалӣ менамоянд.

Ҳамзамон, мувофиқи моддаи 600 КМ мизоҷ уҳдадор аст ҳолати дахлдори техникӣ ва бехатарии шабакаҳои энергетикии истифодашаванда, асбоб ва таҷҳизотро нигоҳ дорад, реҷаи муқарраршудаи истифодаи энергияро риоя карда, инчунин ба ташкилоти таъминкунандаи энергия дар бораи садамаҳо, сӯхтор, норасоиҳои асбоби баҳисобгирии энергия ва вайроншавиҳои дигар, ки ҳангоми истифодаи энергия рух додаанд, фавран иттилоъ диҳад.

Дар ҳолатҳое, ки оид ба шартномаи таъмини энергия ба ҳайси мизоҷ шахси воқеие амал кунад, ки энергияро барои эҳтиёҷоти маишӣ истифода мебарад, уҳдадории таъмини ҳолати муносиби техникӣ ва бехатарии шабакаҳои энергетикӣ, инчунин асбоби баҳисобгирии истифодаи энергия ба зиммаи ташкилот гузошта мешавад, агар дар қонунгузорӣ тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад.

Ба суд, судяҳо тавзеҳ дода шавад, ки зимни баррасии баҳсҳо вобаста ба истифодабарии энергияи барқ уҳдадориҳои ташкилот ва мизоҷро дар алоқамандӣ бо меъёрҳои зикргардида дуруст муайян намоянд.

Бояд дар назар дошт, ки мизоҷ танҳо бо розигии ташкилот ҳуқуқ дорад ба дигар мизоҷ энергияро интиқол диҳад. Дар ин ҳолат мизоҷи интиқолдиҳандаи энергия, агар дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиби дигар муқаррар нагардида бошад, дар назди ташкилот ҷавобгар мебошад.

5. Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки ҳуқуқи яктарафа бекор намудани шартнома танҳо ба шахси воқеие, ки энергияро ба эҳтиёҷоти маишӣ истифода мебарад, бо шарти огоҳ намудани ташкилот ва пурра пардохт намудани ҳаққи энергияи истифодашуда, тибқи асосҳои дар меъёрҳои КМ пешбинишуда тааллуқ дорад.

Ҳуқуқи даст кашидан аз иҷрои шартнома ва яктарафа бекор намудани он дар муносибат бо шахсони ҳуқуқӣ ба ташкилот мансуб буда, танҳо мутобиқи қисми 2 моддаи 603 КМ бо назардошти ҳолатҳои истисноие, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар намудаанд, иҷозат дода мешавад.

Номгӯи корхона, муассиса ва ташкилоти дигари стратегӣ, ки фаъолияти муназзамашон махсусан муҳим ба ҳисоб меравад ва даст кашидан аз иҷрои шартнома ё яктарафа бекор намудани шартнома бо онҳо тибқи тартиби махсус амалӣ мегардад, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

6. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки мутобиқи боби 28 КМ дар мавриди дар шартномаи байни ташкилот ва мизоҷ басташуда пешбинӣ гардидани ноустуворона (ҷарима, пеня), онҳо ҳуқуқ доранд талаботро оид ба пардохти ноустуворона пешниҳод намоянд, агар дар қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

7. Бояд ба инобат гирифт, ки нархҳо ва тарифҳои нерӯи барқ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд. Аз ин рӯ, ҳангоми муайян намудани миқдори энергияи барқи истифоданамуда бояд санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи нарх ва тарифҳо ба роҳбарӣ гирифта шаванд.

Ҳамзамон, зимни ҳалли баҳсҳо байни ташкилот ва шахсони ҳуқуқие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад, бояд қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқ намудани «Тартиби танзими пардохти саривақтии ҳаққи энергияи барқи истифодагардида ва пардохти қарзи ҳаққи энергияи барқи батаъхирафтодаи ташкилотҳои буҷетӣ, корхонаҳои давлатӣ ва ҷамъиятҳои хоҷагидорие, ки давлат дар сармояи оинномавии онҳо ҳисса дорад ё ҷуброни он дар ҳолатҳои истисноӣ» ба эътибор гирифта шавад.

8. Ҳангоми иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо вобаста ба шартнома тарафҳо уҳдадоранд хисороти расондашударо тибқи тартиби муқарраргардида ҷуброн намоянд.

Бояд дар назар дошт, ки агар аз тарафи ташкилот ба мизоҷ миқдори энергияи тибқи шартнома пешбинишуда камтар дода шуда бошад ва дар қонун ё шартнома тартиби дигар пешбинӣ нагардида бошад ё аз моҳияти уҳдадорӣ барнаояд, мизоҷ ҳуқуқ дорад теъдоди бокимондаро талаб намояд ё аз пардохти он даст кашад ва агар маблағи онҳо пардохта шуда бошад, баргардондани он ва товони зарарро талаб намояд.

Инчунин, мувофиқи моддаи 604 КМ агар танаффус дар интиқоли энергия дар натиҷаи аз ҷониби ташкилот танзим намудани реҷаи истифодаи он ҳангоми нокифоя будани иқтидор ва неруи энергия бошад, ки дар асоси қонунгузорӣ анҷом дода шудааст, ташкилоти таъминкунандаи энергия танҳо дар сурати мавҷуд будани гуноҳи он вобаста ба иҷро накардан ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳои шартнома ҷавобгар мебошад.

Агар истифодабаранда энергияи барқро бе васл намудани дастгоҳи баҳисобгирии энергия истифода намуда бошад ё дастгоҳи баҳисобгирии энергияро корношоям карда бошад, хисороти расонидашуда тибқи бандҳои дахлдори Қоидаҳои истифодаи қувваи барқ муайян карда мешавад.

9. Дар сурати аз ҷониби мизоҷ саривақт иҷро накардани шартҳои шартнома ташкилот уҳдарор аст мизоҷро оид ба пардохти ҳаққи хизматрасонӣ бо тартиби муқаррашуда пешакӣ огоҳ намояд. Огоҳнома бояд дар шакли хаттӣ ё электронӣ ё смс-паёмак ва ё бо дигар тарзе пешниҳод карда шавад, ки мизоҷ воқеан онро дастрас намояд.

Ҳангоми дар муҳлати пешбининамудаи огоҳинома иҷро накардани уҳдадориҳои пардохт аз ҷониби мизоҷ, ташкилот ҳуқуқ дорад ҷиҳати ҷуброни хисороти истифодабарии энергия бо тартиби мурофиаи фармонӣ ба суд ариза пешниҳод намояд, зеро шартномаи истифодабарии энергия аҳди дар шакли оддии хаттӣ басташуда ба ҳисоб меравад.

Агар аз ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда дар бораи қабули фармон муайян гардад, ки оид ба ҳуқуқ баҳс мавҷуд мебошад, судя мутобиқи асосҳои пешбининамудаи КММ қабули аризаро рад менамояд. Дар ин маврид ташкилот ҳуқуқ дорад оид ба ҷуброни хисорот бо тартиби мурофиаи даъвогӣ ба суд муроҷиат намояд.

10. Суд, судяҳо бояд дар назар дошта бошанд, ки ҳангоми бегона кардани ҳуқуқи моликият қарзи истифодаи энергия ба зиммаи молики қаблӣ боқӣ мемонад, агар дар шартномаи бегонакунии моликият тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Аз ин рӯ, мавҷуд будани қарздории истифодаи энергияи барқ барои гузаштани ҳуқуқи моликият ба шахси дигар монеа шуда наметавонад.

Инчунин, ҳангоми қатъ гардидани ҳуқуқи моликият бо дигар асосҳои пешбининамудаи қонун уҳдадории ҷуброни хисороти то қатъ шудани ҳуқуқи моликият расонидашуда ба зиммаи молики қаблӣ боқӣ мемонад.

Кироягирони манзилҳои истиқоматӣ, аъзои кооперативи манзил, иҷорагирони манзили истиқоматӣ ҷуброни хисороти истифодаи энергияи барқро мутобиқи шартнома ба зимма доранд.

11. Бояд дар назар дошт, ки тибқи моддаҳои 23 ва 25 Кодекси манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон молик ва аъзои оилаи ӯ уҳдадоранд маблағи истифодабарии энергияро сари вақт пардохт намоянд.

Дар сурати байни молик, аъзои оилаи ӯ ва дигарон ба миён омадани баҳс оид ба пардохти маблағи энергия дар ҳар маврид уҳдадории пардохт ба зиммаи шахсе мебошад, ки бо ташкилот шартнома бастааст. Шахсе, ки маблағи энергияро мувофиқи шартнома пардохт намудааст, ҳуқуқ дорад нисбат ба онҳое, ки энергияро воқеан истифода бурдаанд, ба суд бо даъво

муроҷиат намояд (моддаи 1206 КМ, даъвои акс).

12. Диққати суд, судяҳо ба он ҷалб карда шавад, ки намояндагӣ ва филиалҳои ташкилоти таъминкунандаи энергия шахси ҳуқуқӣ намебошанд. Онҳо манфиатҳои шахси ҳуқуқиро дар асоси низомномаи тасдиқгардида ва ё ваколатнома ҳимоя ва намояндагӣ карда, аз номи он аҳд ва амалҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ пешбинишударо анҷом медиҳанд.

Ҳангоми аз ҷониби намояндагӣ ва филиалҳо пешниҳод намудани ариза дар бораи қабули фармон ё аризаи даъвогӣ ваколатнома ё дигар ҳуҷҷати тасдиққунандаи ваколати намоянда бояд замима карда шавад.

13. Агар ҳангоми баррасии парванда вобаста ба андозаи маблағи хисороти ҳисобшуда, муайян намудани ҳолати дахлдори техникӣ ва бехатарии шабакаҳои энергетикии истифодашаванда, асбоб ва таҷҳизоти истифодаи энергия баҳс ба миён ояд, зарур аст масъалаи таъин намудани экспертиза ҳал карда шавад.

Суд, судяҳо бояд ба инобат гиранд, ки хулосаи экспертиза ва коршиноси судӣ бояд ба талаботи моддаи 88 КММ ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи давлатии судӣ» ҷавобгӯ бошад.

14. Мизоҷ уҳдадор аст, ки маблағи энергияи истифодашударо дар мӯҳлатҳои пешбининамудаи шартнома пардохт намояд.

Нисбат ба талаботе, ки аз уҳдадориҳои шартномавӣ бармеояд, мӯҳлати умумии даъво татбиқ мегардад. Ҷараёни мӯҳлати даъво аз рӯзи дигари ба охир расидани мӯҳлати пардохт, ки дар огоҳиномаи хаттӣ ва ё смс-паёмаки ташкилот пешбинӣ шудааст, оғоз мегардад.

15. Агар ҳангоми баррасии парвандаҳо оид ба ҷуброни хисороти истифодабарии энергияи барқ ҳолатҳои вайронкунии қонунгузорӣ муайян гардад, суд метавонад таъиноти хусусӣ қабул намояд. Дар сурати ошкор намудани ҳолатҳое, ки аз ҷой доштани аломатҳои таркиби ҷиноят ё дигар қонунвайронкунӣ шаҳодат медиҳанд, суд маводи дахлдорро барои ҳалли масъалаи оғоз намудани парвандаи ҷиноятӣ ё ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбат ба қонунвайронкунанда ба мақомоти прокуратура ирсол менамояд.

16. Ба судҳо лозим аст мунтазам ҷамъбасти амалияи судии чунин парвандаҳоро гузаронида, бо мақсади бартараф намудани камбудиҳои ошкоргардида чораҳои бо қонун пешбинишударо андешанд.

Раиси Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Мирзозода Р.П.

Котиби Пленум,
судяи Суди Олии
Ҷумҳурии Тоҷикистон — Холиқмуродзода Д.А.